# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки ноил гардидан ба истиқлолияти давлатӣ ва оғози марҳилаи сифатан нави муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсеа ва рушди тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, дар риштаҳои гуногуни илму маориф, низоми таҳсилот, махсусан, дар самти таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ, омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ муносибатҳои комилан нав ва рушдёбанда мусоидат намуд.

Дар ин росто, ба Раҷабзода Маҳмадулло муяссар гардид, ки ба яке масалаҳои мубрами педагогикаи муосири ватанӣ «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»-ро мавриди таҳқиқу таҳлил анҷом диҳад.

Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур диссертант ба хулосае омадааст, ки дар натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва силсилаи пажӯҳишҳои муҳаққиқони соҳаи педагогика имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ – квалиметрия ташаккул меёбад, ки ба омӯзиши қонуниятҳои рушди илм ҳамчун низоми мукаммал ва шакли махсуси фаъолият машғул аст. Тавсияҳои он барои коркарди аз нигоҳи илмӣ асосноки принсипҳои созмондиҳӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии илм равона карда шудаанд.

Лекин, то имрӯз дар Тоҷикистон ягон таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмие ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажӯҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар самти пажӯҳиши квалиметрӣ, анҷом дода нашудааст. Ҳамзамон, мавҷудияти як қатор ихтилофот: ихтилоф байни талаботи ҷомеа ба сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ ва мавҷуд набудани заминаи илман асосноки назариявӣ-методологӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи мазкур; ихтилоф байни зарурати татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таҳқиқот ва нокифоягии сатҳи фарҳанги технологии муҳаққиқонро дар ин самт мубрамии мавзуи таҳқиқро тақвият мебахшанд. Илова бар ин, муҳиммияти коркарди мавзуи мавриди назар аз зарурати мушаххасгардонии тартиб, меъёру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ, коркарди матритсаҳои таҳлили квалиметрии натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ, арзёбии сатҳу сифати онҳо ва умуман, таҳқиқ нагардидани мавзуи мазкур дар соҳаи педагогикаи ватанист.

Ба андешаи диссертант, таъмини самаранокӣ ва сатҳи баланди сифати таҳқиқоти муосири илмӣ-педагогӣ дар чунин мавридҳо муяссар

мегардад: раванди ташаккулёбӣ ва тамоюлҳои асосии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода шуда, дар ин замина, вазъи имрӯзаи таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ гардад; камбудиҳои хоси методологии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, диссертатсионӣ, ки аз методологияи пешниҳодшуда ва татбиқи он дар раванди таҳқиқот тафовут доранд, ошкор карда шаванд; сабабу омилҳо ва роҳҳои пешгирии камбудиҳои хоси методологӣ мураттаб сохта шаванд; меъёрҳои асосии квалиметрии арзёбии сифату шумораи таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ коркард шуда, дар заминаи тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои фаъолияти илмии муҳаққиқони тоҷик дар даврони истиқлоли давлатии Тоҷикистон саҳми воқеии онҳо дар рушди педагогикаи ватанӣ муқаррар карда шавад; меъёрҳои асосии квалиметрии арзёбии муҳиммият ва сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия ва пешниҳод гарданд; дар оянда номгӯйи рисолаҳои диссертатсионии ҳимояшуда барои такрор нашудани мавзуъҳо нашр ва ба кафедраҳои педагогика тақсим карда шаванд; бароиислоҳоти куллӣ ва таъмини сифату самаранокии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ муайян карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва пешниҳод гардад.

Диссертант аввалин маротиба дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ таҳқиқоти педагогии олимони тоҷикро дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Зимни санҷиши моҳияти таҳқиқоти дар доираи мавзуи диссертатсионӣ анҷомёфта амал ва нуктаҳои нави зерин роҳандозӣ шудаанд: таҳлили илмии раванди ташаккули низоми меъёрҳои арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ; таҳлил, таҳқиқ, мушаххасгардонии масъалаҳои соҳавӣ ва ошкор кардани мушкилоти татбиқ ва рушди квалиметрия дар соҳаи педагогикаи ватанӣ; коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои мушаххаси эмпирикии арзёбии экспертии дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, аз ҷумла матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия; таҳия ва озмоиши амалии методикаи муаллифии арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ оид ба илмҳои педагогӣ; ба доираи илмии педагогикаи миллӣ ворид намудани мафҳум ва истилоҳоти муосири илмӣ оид ба квалиметрия.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод мегардад. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисоси соҳаи илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии

сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода мешавад.

Маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, репрезентативӣ будани интихоби матни таҳқиқоти монографӣ, диссертатсияҳо, авторефератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили квалиметрӣ, муайян мегардад.

Ҳамин тавр, дар автореферати тақризшаванда мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, асосҳои эмпирикии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи кор, саҳми унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ва сохтори диссертатсия пурра инъикос ёфтааст.

Хулоса, навигарӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявию амалии автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (тағйиру илова бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори кафедраи забони русии**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии**
**Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"** **У.Р.Юлдошев**

Маълумот барои тамос:
Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-30
МДТ Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуалӣ ибни Сино". Тел: 985296478.
umarjon1958@mail.ru

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ У. Р. Юлдошев
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
«24» 04 2023